# ПРОТОКОЛИ № 8

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-040 оид ба ҳимояи диссертатсия барои дарёфти доктори фалсафа, доктор аз рӯйи ихтисос ва номзади илм назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

**28 январи 2019 с.** **ш. Душанбе**

**Иштирок карданд**: аз 16 нафар аъзоёни Шӯро 12 нафар иштирок карданд, аз онҳо 10 нафар докторҳои илм ва 2 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисос

## РӮЗНОМА:

1. Қабул намудани диссертатсияи Абдуллоева Заррина Фатуллоевна дар мавзӯи «Таърихи инкишофи истилоҳоти мусиқӣ дар забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) ба ҳимоя.

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филология, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Раҳматуллозода дар бораи пешниҳод гардидани хулосаи комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Абдуллоева Заррина Фатуллоевна дар мавзӯи «Таърихи инкишофи истилоҳоти мусиқӣ дар забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) шунида шуд.

Дар ин масъала раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои филология, пофессор С. Назарзода баромад карда гуфтанд, ки ҳайати комиссия диссертатсияи Абдуллоева Заррина Фатуллоевнаро дар мавзӯи «Таърихи инкишофи истилоҳоти мусиқӣ дар забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африко, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, пешниҳод менамояд, ки таҳқиқот бо назардошти ҷавобгӯ будан ба талаботи диссертатсия барои қабул ба ҳимоя тавсия карда шавад. Хулосаи комиссияи экспертӣ чунинин аст:

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллоева З.Ф. баррасии таърихи ташаккул ва такомули истилоҳоти мусиқии тоҷикӣ дар заминаи рисолаҳои мусиқӣ ва осори илмию адабӣ ба ин забон мебошад. Дар таҳқиқот нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо дар замони муосир навгонии илмӣ ба шумор мераванд. Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои муаллиф барои равшанӣ андохтан ба моҳияти истилоҳи мусиқӣ, истифодаи дурусти он, ки то андозае аҳаммияти муҳимми маънавию фарҳангӣ дорад, барои баланд бардоштан ва сайқал додани маданияти сухан ва фарҳанги мусиқӣ мусоидат хоҳад кард. Мавод ва хулосаҳои диссертатсия имкон дорад барои омӯзиши масъалаҳои назариву амалии истилоҳот, хондани курсҳои назариявии “Таърихи забони тоҷикӣ”, “Вожашиносӣ ва истилоҳоти забони тоҷикӣ”, таълифи китоб ва дастурҳои таълимии мусиқӣ, инчунин барои таҳияи фарҳангҳои тафсирӣ ва соҳавӣ мавриди истифода ва бахрабардорӣ қарор бигирад.

Диссертатсия ба талаботи банди 10 ва 11-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Натиҷаҳои таҳлили диссертатсия барои ошкор кардани таърихи пайдоиш, моҳияти таркиб ва хусусиятҳои

калимасозии истилоҳоти мусиқии забони тоҷикӣ, хусусан хусусиятҳои семантикӣ, морфологӣ ва калимасозии истилоҳоти мусиқӣ дар забони тоҷикӣ мусоидат хоҳад кард. Инчунин натиҷагириҳо имкон медиҳад, ки таърихи пайдоиши истилоҳоти мусиқии тоҷикӣ, усулу роҳҳои асосии истилоҳсозии мусиқии тоҷикӣ муқаррар карда шавад. Бар замми ин, дар забоншиносӣ бори нахуст дар шакли монография таҳлили лингвистии мавод амалӣ карда шуда, таърихи пайдоиш, моҳияти таркиб ва хусусиятҳои калимасозии истилоҳоти мусиқии забони тоҷикӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешавад.

Нахустин бор ба таври мушаххасу дақиқ таърихи пайдоиши истилоҳоти мусиқии тоҷикӣ аз назари забоншиносӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Натиҷа ва бозёфтҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 10.02.22. – барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.22. – Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо ва сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ), ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 6 марти соли 2018 таҳти №33 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели соли 2017, таҳти №1/3 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 3 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия (бо ҳаҷми умумии 1 ҷузъи чопӣ) ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзӯи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф

инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 14-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқ мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллоева З.Ф. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муалиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шудаанд, ки аз риоя шудани банди 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) гувоҳӣ медиҳад.

Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи Абдуллоева З.Ф. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи мақолаҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст:

**қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Абдуллоева Заррина Фатуллоевна дар мавзӯи«Таърихи инкишофи истилоҳоти мусиқӣ дар забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.22. – Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо ва сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) барои ҳимоя қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- **Ҷоматов Самиддин Салоҳиддинович** – доктори илмҳои филология, дотсент, мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;
- **Муҳаббатов Абулфазл** – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи филологияи Эрони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда Донишкадаи давлатии забонҳо ба номи Сотим Улуғзода таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

5. Рӯйхати аъзои Шӯро, ки аз рӯйи диссертатсияи баррасишаванда мутахассис ба ҳисоб меравнд, тасдиқ карда шавад:

- доктори илмҳои филология, Назарзода Сайфиддин;
- доктори илмҳои филология, Нуров Пирмаҳмад Гулович;
- доктори илмҳои филология, Султонов Мирзоҳасан Баротоевич;
- доктори илмҳои филология, Нозимов Абдулҳамид Абдулҳалимович;
- доктори илмҳои филология, Сабзаев Саидкул Миралиевич;
- доктори илмҳои филолология, Ҷумъахон Алимӣ.

6. Санаи ҳимояи диссертатсия 29 апрели соли 2019 таъйин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: тарафдор 12 нафар, зид, бетараф – нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ
доктори илмҳои филология,
узви вобастаи АИ ҶТ — С. Раҳматуллозода

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ н.и.ф. — Ҳошимова Х. А.